Роҳи рост ва миёнаравиро дар пеш бигиред ва дурусткору устувор бошед (яъне, амалҳои худро бо ихлос ва мувофиқи суннат анҷом диҳед) ва бидонед, ки ҳеҷ яке аз шумо бо амалаш наҷот намеёбад." Саҳобаҳо пурсиданд: Эй Расули Худо, ҳатто шумо ҳам? Фармуд: "Ҳатто ман ҳам, магар ин ки Худованд маро бо раҳмат ва фазли хеш фаро гирад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Роҳи рост ва миёнаравиро дар пеш бигиред ва дурусткору устувор бошед (яъне, амалҳои худро бо ихлос ва мувофиқи суннат анҷом диҳед) ва бидонед, ки ҳеҷ яке аз шумо бо амалаш наҷот намеёбад." Саҳобаҳо пурсиданд: Эй Расули Худо, ҳатто шумо ҳам? Фармуд: "Ҳатто ман ҳам, магар ин ки Худованд маро бо раҳмат ва фазли хеш фаро гирад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) саҳобаҳоро ташвиқ карданд, ки амал кунанд ва то ҳадди тавон тақво ва парҳезгориро пеша кунанд, бидуни зиёдаравӣ ё кӯтоҳӣ, балки дар амалҳо ихлос ва пайравии суннатро риоят кунанд, то амалҳо пазируфта шаванд ва сабаби нузули раҳмати илоҳӣ бар онҳо гарданд. Сипас хабар доданд, ки танҳо амал наметавонад касеро аз оташи дӯзах наҷот диҳад, балки бояд раҳмати Худованд ӯро фаро гирад. Саҳобаҳо пурсиданд: Ҳатто шумо ҳам, эй Расули Худо, бо амалҳои бузурге, ки доред наҷот намеёбед? Фармуданд: Ҳатто ман ҳам, магар ин ки Худованд маро бо фазлу раҳмати хеш фаро гирад ва бипӯшонад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3469